**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ____________________**

**«15» ___01___ соли 2026**

# ПРОТОКОЛИ №6

ҷаласаи навбатии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 12 январи 2026 с. ш. Душанбе

**Раискунанда: д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ**

**Котиб: Ҳабибзода Н.Х.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, д.и.ҳ. профессор Назаров А.Қ., д.и.ҳ., профессор Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д. н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатов Б.С., н.и.ҳ., Аҳмадзода М.С., муаллими калон Насриддинов М., ассистент., Ҳабибзода Н.Х., д.и.ҳ., Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон – муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои**

**ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

**Роҳбарии илмӣ:** Қодирзода Далер Сайфулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки аҳаммияти мавзуъ аз чанд самти муҳими замонавӣ барҷало эҳсос мешавад. Дар шароити муосир масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат ва пешгирии ҷиноятҳо дар ин соҳа аҳаммияти махсуси иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ касб намудааст. Афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт, шиддат гирифтани ҳаракати роҳҳо, мураккаб гардидани инфрасохтори нақлиётӣ ва болоравии сатҳи садамаҳои роҳу нақлиётӣ зарурати таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва криминалистии ин самтро ба миён меорад.

Ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба бехатарии ҳаракат на танҳо ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хатар эҷод менамоянд, балки ба суботи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа низ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар ин замина, такмили усул ва воситаҳои тафтиши чунин ҷиноятҳо, коркарди тавсияҳои илмӣ-методӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи замони муосир масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, таҳлили амалияи тафтишотӣ нишон медиҳад, ки дар ҷараёни ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат як қатор мушкилоти назариявӣ ва амалӣ вуҷуд доранд. Норасоии таҳқиқоти комплексӣ, зарурати такмили заминаи методологӣ ва зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ бо талаботи амалия аҳаммияти илмии мавзӯъро боз ҳам тақвият медиҳад. Аз ин рӯ, таҳияи таҳқиқоти фарогир, ки

ба ҳаллу фасли масъалаҳои зикршуда равона гардидааст, сариваќтӣ ва асоснок мебошад.

Маќсади асосии диссертатсия аз таҳќиќи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-асоснок ҷиҳати такмили ќонунгузорӣ ва амалияи ҳуќуќтатбиќкунӣ иборат мебошад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. ва н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Азамзода Акмал Азам ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои ҳуќуќшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С.,., баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Саидзода Р.Ҳ., суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ ќобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳќиќи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиќи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиќат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д. ва н.и.ҳ. дотсент Давлатов Б.С., баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳќиќро ќайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳќиќу баррасии

масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Саидзода Р.Ҳ., муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 6 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Саидзода Р.Ҳ., ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори тақикии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 12 январи соли 2026, №6.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ.,** **Назаров А.Қ**

**Котиби ҷаласа:** **Ҳабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Назаров А.Қ ва Ҳабибзода Н.Х.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** Шодихонзода Э.Ш.

«12» январи 2026 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj